“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ
САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
д.и.и._____ АСРОРЗОДА У.С.
«__» _____ соли 2025

ХУЛОСАИ
ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Диссертатсияи докторӣ дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Каримов Баҳодур Ҳасанович, соли таваллуд 14.03.1966, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 1989 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин)-ро бо ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ» хатм кардааст.

Солҳои 1989-1992 дар вазифаи ассистенти кафедраи системаҳои автоматикунонидашудаи коркарди ахбори иқтисодии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин кор кардааст.

Солҳои 1992-1995 дар аспирантураи Академияи молиявии назди Ҳукумати Федератсияи Россия таҳсил кардааст.

Солҳои 1995-1997 дар вазифаи муаллими калони кафедраи системаҳои автоматикунонидашудаи коркарди ахбори иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон кор кардааст.

Солҳои 1997-1999 дар вазифаи сармуҳосиби корхонаи хурди «Шафақ» кор кардааст.

Солҳои 1999-2000 дар вазифаи муаллими калони департаменти иқтисодиёт ва бизнеси Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кор кардааст.

Солҳои 2001-2004 дар вазифаҳои ходими калони илмӣ, мудири шуъбаи Институти иқтисодиёти АИҶТ кор кардааст.

Солҳои 2004-2011 дар вазифаҳои дотсент, мудири кафедраи ҳисобдорӣ ва аудит, мудири кафедраи системаҳои информатсионӣ дар итисодиёти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат кор кардааст.

Солҳои 2011-2012 дар вазифаи дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор кардааст.

Солҳои 2012-2023 дар вазифаҳои декани факултети баҳисобгирӣ-иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (Донишкадаи сайёҳӣ ва соҳибкории

Тоҷикистон, ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) кор кардааст.

Аз моҳи октябри соли 2023 то инҷониб дар вазифаи дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон кор мекунад.

Мавзуи диссертатсияи Каримов Б.Ҳ. «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ» дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, аз 24 апрели соли 2020, № 13/4.1. тасдиқ карда шудааст.

Соли 1995 диссертатсияи номзадиро дар мавзуи «Моделирование процессов обработки учетной информации в локальной сети» (Амсиласозии равандҳои коркарди ахбори баҳисобгирии муҳосибӣ дар шабакаҳои маҳаллӣ) аз рӯи ихтисоси 08.00.13 «Усулҳои иқтисодӣ-математикӣ» дар Шурои диссертатсионии назди Академияи молиявии назди Ҳукумати Федератсияи Россия ҳимоя кардааст (Дипломи КТ № 006904, аз 21 апрели соли 1995).

Мушовири илмӣ: Хушвахтзода Қ.Х. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Муқарризони холис: Низомов С.Ф. - д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Қодирова Г.Т. - д.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҷумъаев Б.М. – д.и.и., профессор, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи докторӣ дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия. Диссертатсия дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ дар самти баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок карда шудаанд.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва таҳкими вобастагии байниҳамдигарии иқтисодиёти миллии мамлакатҳои гуногун низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба унсури муҳими инфрасохтори иқтисодии ҳар як мамлакат табдил меёбанд. Нақши баҳисобгирии молиявӣ дар ин замина назаррас аст, зеро он барои қабули қарорҳои молиявӣ ва идоракунӣ ҳам дар сатҳи субъектҳои иқтисодӣ ва ҳам дар сатҳи сиёсати иқтисодии давлат ҳамчун асос хизмат мекунад. Вобаста ба ин, масъалаи бунёдсозӣ ва такмили низоми миллии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, ки бояд на танҳо талаботи дохилии иқтисодиёти миллӣ, балки ҳамгироӣ ба ҷомеаи байналмилалиро низ таъмин намояд, аҳамияти хоса касб мекунад.

Масъалаи рушди методология ва амалияи бунёди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ хеле мубрам аст, зеро он ба ҷанбаҳои муҳимтарини рушди низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ, ки бояд тағйирёбии пайвастаи муҳити иқтисодии беруниро ба инобат гирад, дахл мекунад. Гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ), ҳамгироӣ ба бозорҳои байналмилалии молиявӣ ва зарурати баланд бардоштани шаффофии ҳисоботи молиявӣ тақозо менамояд, ки равишҳои мавҷуда ба бунёдсозӣ ва фаъолияти низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ ҳамаҷониба таҷдиди назар карда шаванд.

Таҳаввули равишҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва мутобиқсозии онҳо ба шароити ҷаҳонишавӣ зарурати такмили асосҳои назариявӣ ва амалии баҳисобгирии молиявиро ба миён меорад. Дар ин маврид ҷанбаи муҳим ин таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки коркарди усулҳои самарабахши табдили низомҳои мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибиро бо дарназардошти талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва воқеияти муосири иқтисодӣ тақозо мекунад.

Ба равандҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии молиявӣ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз қабили Ҷумҳурии Тоҷикистон, диққати махсус бояд дод. Мубрамии таҳқиқот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зарурати татбиқ ва мутобиқсозии минбаъдаи стандартҳои байналмилалӣ вобаста аст, ки ба беҳтар шудани муҳити иқтисодӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории мамлакат мусоидат мекунад. Аз ҷумла, татбиқи СБҲМ як қадами муҳим дар самти таъмини шаффофии баланди амалиёти молиявӣ ва аҳдҳои тиҷоратӣ, баланд бардоштани эътимоди сармоягузорони хориҷӣ ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ дар шароити номуайянии иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Ихтисос ва номи мавзуи диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ» ба шиносномаи ихтисоси 08.00.08-Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мувофиқат мекунад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441), «Дар бораи тадбирҳои иловагии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, № 154), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар мавзуи «Назария ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит

дар корхонаҳои соҳаи саноат ва сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» иҷро гардидааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот таҳияи ҷанбаҳои методологӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба бунёдсозӣ ва такмили низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ бо назардошти муқаррароти СБҲМ ва хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Дар диссертатсия вазифаҳое иҷро карда мешаванд, ки ба мақсади зикршуда мувофиқанд, чун:

1. Омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва таснифи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили муфассали мафҳумҳо ва равишҳои мавҷудаи марбут бо «низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ». Муайян кардани омилҳои ба раванди бунёдшавӣ ва рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ таъсиррасон.

2. Арзёбии таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла ба ҷанбаҳои ташкилӣ ва методологии баҳисобгирии муҳосибӣ. Асоснок кардани зарурати таҳияи стандартҳои ягонаи омодасозии ҳисоботи молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ.

3. Таҳлили заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии иқтисодиёти исломӣ ва таъсири онҳо ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ. Омӯзиши хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти исломӣ, таҳлили таъсири принсипҳои молияи исломӣ ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ.

4. Таҳлил ва арзёбии асосҳои методологии бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ, таҳқиқи таҳаввули равишҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, ошкор кардан ва арзёбии омилҳои асосии ба рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таъсиррасон.

5. Таҳлили принсипҳо ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳқиқи пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ, муайян кардани мушкилоти мутобиқсозии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба талаботи муосири муҳити иқтисодӣ ва нишон додани роҳҳои ҳалли онҳо.

6. Таҳқиқи вазъи муосир ва хусусиятҳои бунёдсозии низоми баҳисобгирии молиявӣ, таҳлили раванди ташаккули низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ, баррасии марҳилаҳои асосии он, ошкор намудани хусусиятҳо ва мушкилоти ташкил ва пешбурди баҳисобгирии молиявӣ дар субъектҳои иқтисодӣ.

7. Арзёбии раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳқиқи марҳилаҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии молиявӣ, аз ҷумла таҳлил ва арзёбии раванди татбиқи стандартҳои байналмилалӣ ва расмиёти дахлдор, муайян намудани мушкилот ва монеаҳо дар ин раванд.

8. Таҳқиқи мавқеи баҳисобгирии молиявӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ, таҳқиқи робитаи байни намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба хотири бунёди низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ.

9. Таҳлили имконияти татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани хусусиятҳои асосии раванди татбиқи СБҲМ, ошкор ва арзёбӣ кардани мушкилоти татбиқи СБҲМ дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ. Таҳлили ташхисӣ ва арзёбии вазъи корбурди СБҲМ дар мамлакат.

10. Таҳқиқ ва арзёбии тамоюлҳои рушди ҷаҳонии баҳисобгирии молиявӣ вобаста ба татбиқи СБҲМ, муайян кардани мушкилоти асосии рушди ҷаҳонии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити СБҲМ ва дар ин асос таҳия намудани дурнамои татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

11. Таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили низоми баҳисобгирии молиявӣ дар шароити СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла такмили сиёсати баҳисобгирӣ, нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва рушди назорати дохилӣ барои баланд бардоштани саҳеҳӣ ва эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ.

Объекти таҳқиқот низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ, инчунин равандҳои татбиқ ва такмили СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Предмети таҳқиқот методология ва амалияи бунёдшавӣ ва ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла хусусиятҳои ҷорӣ намудани СБҲМ ба низоми баҳисобгирии молиявии субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Фарзияи таҳқиқот аз он иборат аст, ки татбиқи бомуваффақияти стандартҳои байналмилалӣ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мутобиқсозии ин стандартҳо бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, инчунин бо истифода аз равиши ҳамгирошуда, аз ҷумла ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, такмили ихтисоси муҳосибон, такмили технологияҳои муосири рақамӣ ва рушди назорати дохилӣ имконпазир аст. Таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба ин равандҳо ба беҳтар шудани шаффофии ҳисоботи молиявӣ ва афзоиши эътимоди сармоягузорони байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқот ба назарияҳои марбут ба рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ асос ёфтаанд. Самти асосии назариявӣ таҳлили мафҳуми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун воситаи идоракунӣ ва назорат, инчунин назарияи ҷаҳонишавӣ мебошад, ки таъсири равандҳои иқтисодии байналмилалиро ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ шарҳ медиҳад. Инчунин назарияҳои ҳамгироии стандартҳои байналмилалӣ, аз қабили СБҲМ ба амалияҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва принсипҳои баҳисобгири муҳосибӣ дар иқтисодиёти исломӣ истифода мешаванд. Асоси методологии таҳқиқот равиши бонизом, ки барои баррасии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун унсури низоми иқтисодии васеътар имкон медиҳад, инчунин таҳлили қиёсии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Усулҳои таҳлили иқтисодӣ, ташхис ва амсилабандии равандҳои

ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин усулҳои амалии пурсиш, мусоҳиба ва таҳлили маълумоти оморӣ истифода мешаванд.

Иштироки шахсии докторант дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркардҳои назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидааст.

Сарчашмаҳои маълумот. Таҳқиқот ба интишорот дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, СБҲМ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, фармоишҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии корхонаҳо, маводи конференсияҳо, мусоҳибаҳо бо коршиносон ва кормандони муҳосиботи корхонаҳо такя мекунад.

Пойгоҳи таҳқиқот низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ, СБҲМ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Диссертатсия дар солҳои 2019-2025 дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳлили ҳамаҷонибаи раванди бунёдшавӣ ва такмили низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ, таҳияи равишҳои методологӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Дар тафовут аз дигар корҳои илмӣ, таҳқиқот ба ҳамгироии СБҲМ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо назардошти ҳам тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва ҳам шароити мушаххаси мамлакат таваҷҷуҳ намуда, инчунин таҳлили таъсири омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз қабили иқтисодиёти исломиро ба амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар бар мегирад. Ҳамчун натиҷаҳои муҳимтарини кор, ки навгониҳои илмӣ доранд, чунин нуктаҳо қайд карда мешаванд:

1. Таҳияи таснифоти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки сатҳи ҳамгироии мамлакатҳо бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои мамлакатҳои рӯ ба рушд, инчунин равишҳои татбиқи стандартҳои байналмилалиро ба назар мегирад. Фаҳмиши нави баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун як низоми мураккаби иттилоотӣ пешниҳод карда мешавад, ки барои ошкор кардани нақши он дар идоракунӣ ва инъикоси аҳамияти он дар заминаи низомҳои миллӣ ва байналмилалӣ имкон медиҳад. Амсилаи ба шароити муосири иқтисодӣ ҷавобгӯи низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия шудааст.

2. Муайян кардани таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ. Бори аввал ба таври бонизом таҳлил карда мешавад, ки чӣ гуна ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба бунёдшавӣ ва рушди низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таъсир мерасонад. Амсилаи тағйироти низоми

миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ пешниҳод гардида, мушкилоти асосии мамлакатҳои рӯ ба рушд муайян карда шудаанд. Дурнамо ва манфиатҳои ҳамгироии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо стандартҳои байналмилалӣ баррасӣ шудаанд.

3. Таҳлили муфассали ҷиҳатҳои таърихӣ ва иҷтимоии иқтисодиёти исломӣ ва таъсири онҳо ба рушди баҳисобгирии муҳосибӣ. Исбот карда мешавад, ки иқтисодиёти исломӣ дар ташаккули низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои исломӣ таъсири назаррас дорад. Шароити таърихии пайдошавии амсилаи исломии баҳисобгирии муҳосибӣ баррасӣ ва принсипҳои асосии он муайян карда шудаанд. Раванди мутобиқшавии иқтисодиёти исломӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст.

4. Таҳаввули методологияи низомҳои миллии баҳисобгирӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ гузаришро аз амсилаи анъанавӣ ба низоми ҳамгирошудаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ва технологияҳои рақамӣ талаб мекунад. Зарурати равиши ҳамаҷониба ба ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ бо дарназардошти ҳам рушди таърихии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳам тамоюлҳои муосири рақамикунонӣ ва ҷаҳонишавӣ асоснок карда шудааст.

5. Такмили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ бояд дар асоси ҳамгироии СБҲМ бо назардошти шароити иқтисодиёти миллӣ ва талаботи тиҷорат сурат гирад. Равиши нави мутобиқгардонии баҳисобгирии муҳосибӣ бо стандартҳои байналмилалӣ пешниҳод шудааст, ки хусусиятои иқтисодиёти миллиро ба назар гирифта, ҷорӣ намудани механизмҳои танзими давлатӣ, рушди низоми омодасозии мутахассисон ва рақамикунонии равандҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар бар мегирад.

6. Равандҳои ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташкили кори муҳосибот дар субъектҳои иқтисодӣ дар шароити дигаргунсозиҳои иқтисодӣ таҳқиқ мешаванд. Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва рақамикунонӣ ба табдили низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ, инчунин ба ҳамкории корхонаҳои ватанӣ бо шарикон ва сармоягузорони хориҷӣ таъқид шудааст. Равиши нав ба ташкили хадамоти муҳосибӣ, аз ҷумла истифодаи аутсорсинги муҳосибӣ пешниҳод шудааст.

7. Таҳлили раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи татбиқи СБҲМ бо назардошти хусусиятҳои муҳити иқтисодӣ ва қонунгузории мамлакат. Мушкилоте, ки ба гузариши бобарор ба СБҲМ монеъ мешаванд, ба мисли номукаммалии пойгоҳи меъёрӣ, набудани таъминоти методии муносиб ва нарасидани мутахассисони баландихтисос муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шудаанд.

8. Муайян кардани мавқеи баҳисобгирии молиявӣ дар низоми умумии баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ. Амсилаи ҳамгироии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз таҳия

шудааст, ки ба таъсиси низоми ягона ва муассири баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона мусоидат мекунад. Ба нақши баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун асоси дигар намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ бо таъкиди аҳамияти он дар ташаккули ҳисоботи идоракунӣ ва ҳисоботи андоз диққат дода шудааст.

9. Таҳлили амиқи вазъи татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, ки дар он диққати асосӣ ба мушкилоти ҷорӣ, аз қабили омодагии нобасандаи муҳосибон ва мутобиқат накардани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба стандартҳои байналмилалӣ равона гардидааст. Дар асоси таҳлили ташхисӣ камбудиҳои раванди татбиқи СБҲМ ошкор карда шудаанд. Тавсияҳо оид ба такмили раванди мутобиқсозии СБҲМ бо дарназардошти хусусиятҳои қонунгузории миллӣ ва вазъи иқтисодии мамлакат пешниҳод карда мешаванд.

10. Тамоюлҳои ҷаҳонии рушди баҳисобгирии молиявӣ дар асоси СБҲМ бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти ҳамоҳангсозии ҳисоботи молиявӣ, рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳамгироии нишондиҳандаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ба низоми ҳисоботи молиявӣ таҳлил карда шудааст. Ба таҳияи тавсияҳо оид ба мутобиқ намудани СБҲМ дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, ҷорӣ намудани технологияҳои автоматикунонии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ диққати махсус дода мешавад.

11. Равиши ҳамаҷониба ба такмили низоми баҳисобгирии молиявӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити СБҲМ пешниҳод шудааст. Дар асоси таҳлили муфассали мушкилоти мавҷуда механизмҳои нави таҳия ва татбиқи сиёсати баҳисобгирии ба шароити миллӣ ва СБҲМ мутобиқшуда таҳия гардида, барои такмили нақшаи ҳисобҳо тадбирҳо пешниҳод шуданд. Таваҷҷуҳ ба рушди назорати дохилӣ ҳамчун воситаи муҳими таъмини саҳеҳӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявӣ равона карда шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар тавсеаи асосҳои назариявии бунёд ва такмили низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бо таваҷҷуҳ ба татбиқи СБҲМ ифода меёбад. Равишҳои консептуалии таҳияшуда, таснифоти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин тавсияҳои методологии дар таҳқиқот пешниҳодшуда барои таҳқиқоти минбаъдаи назариявӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии молиявӣ муфид хоҳанд буд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар таҳияи тавсияҳо оид ба татбиқи СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили баҳисобгирии молиявӣ дар корхонаҳои бахши хусусӣ ва давлат, инчунин дар раванди таълими бакалавр ва магистрҳои ихтисосҳои муҳосибӣ ва молиявӣ истифода шаванд. Аҳамияти амалӣ инчунин дар такмили сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, нақшаи ҳисобҳо ва низоми назорати дохилӣ ба хотири баланд бардоштани шаффофӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ ифода меёбад. Оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот маълумотнома-санадҳои татбиқ аз ҶДММ «Моор Стивенс», ҶДММ «Консалтинг инженернинг сервисез ЛТД» ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мавҷуд мебошанд.

Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо ихтисос. Диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович - «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мувофиқат мекунад.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Вобаста ба мавзуи диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович 1 монография, 50 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 32 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 22-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромаданд, ки муҳтавои диссертатсия ва авторефератиди диссертатсияро инъикос менамоянд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт» (Душанбе, 2020), «Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2021), «Самтҳои асосии таъмини саноатикунонии босуръати иқтисодиёт дар пасманзари ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2022), «Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Душанбе, 2022), «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир», «Иқтисодиёт, бизнес, инноватсияҳо» (Пенза, 2023), «Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ» (Кӯлоб, 2023), «Иқтисодиёти корхонаҳо, минтақаҳо, мамлакатҳо: масъалаҳои мубрам ва ҷиҳатҳои муосир» (Пенза, 2023), «Иқтисодиёт, молия ва идоракунӣ: масъалаҳои мубрами назария ва амалия» (Пенза, 2023), «Иқтисодиёт дар назария ва дар амалия: масъалаҳои мубрам ва ҷиҳатҳои муосир» (Пенза, 2024), «Масъалаҳои стратегии таъмини рушди устувори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ» (Душанбе, 2024), «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2024) ва дигарҳо баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва низомҳои баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ истифода шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат ва магистратура бо самти ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» истифода мешаванд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳияи пойгоҳи назариявии таҳқиқот, аз ҷумла таснифоти васеи низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили муфассали таъсири ҷаҳонишавии иқтисодӣ ба ин низомҳо, гузаронидани таҳқиқи вазъи баҳисобгирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили мушкилот ва монеаҳо дар татбиқи СБҲМ, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми баҳисобгирии молиявӣ ва мутобиқгардонии он бо СБҲМ,

таҳияи методологияи арзёбии имкони татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои қонунгузорӣ ва муҳити иқтисодии мамлакат, инчунин такмили сиёсати баҳисобгирӣ, нақшаи ҳисобҳо ва назорати дохилӣ дар доираи ҳадафҳои татбиқи СБҲМ ифода меёбад. Ҳамаи ин ҷанбаҳои кор аз ҷониби довталаб мустақилона анҷом дода шудааст, ки аз саҳми шахсии назаррас дар рушди назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

А. Монографияҳо

[1-М]. Каримов, Б.Х. Современное состояние бухгалтерского учета в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён. – Душанбе: ИПС, 2019. – 390 с.

Б. Интишорот дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

[2-М]. Каримов, Б.Х. Особенности учета скидок и возврата проданных товаров в современных условиях [Текст] / Б.Х. Каримов, Н.А. Ойев // Вестник Таджикского национального университета. Серия: социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 6. - С. 11-16

[3-М]. Каримов, Б.Ҳ. Масъалаҳои эътирофкунии даромади корхонаи тиҷоратӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 1 (30). - С. 47-53

[4-М]. Каримов, Б.Х. Составление плана счетов бухгалтерского учета на основе МСФО [Текст] / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 7. - С. 76-83

[5-М]. Каримов, Б.Ҳ. Рушди назорати дохилӣ чун воситаҳои баландбардории самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои аудиторӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 3 (32). - С. 71-76

[6-М]. Каримов, Б.Ҳ. Ҳамкории аудитор бо дигар шахсон барои гирифтани шаҳодатҳои аудиторӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Р.С. Тоҳирова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 4-1 (33). - С. 56-61

[7-М]. Каримов, Б.Ҳ. Пайдоиш ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар олами ислом [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 10. – Қисми 2. - С. 66-71

[8-М]. Каримов, Б.Х. Особенности отражения скидок в бухгалтерском учете предприятия продавца [Текст] / Б.Х. Каримов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 1. - С. 38-44

[9-М]. Каримов, Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3 (37). - С. 115-119

[10-М]. Каримов, Б.Ҳ. Баландбардории сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудиторӣ: истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - № 3-2. – С. 47-54

[11-М]. Каримов, Б.Ҳ. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - № 4. – С. 169-179

[12-М]. Каримов, Б.Х. Развитие системы бухгалтерского учета в условиях глобализации [Текст] / Б.Х. Каримов, Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2021. - № 3 (52). – С. 38-49

[13-М]. Каримов, Б.Ҳ. Таҳлили раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3 (42). - С. 23-34

[14-М]. Каримов, Б.Ҳ. Хусусиятҳои баҳисобгирӣ ва аудити дохилии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. - № 8. – С. 121-130

[15-М]. Каримов, Б.Ҳ. Таҳаввули низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва мушкилоти таснифи онҳо [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Идоракунии давлатӣ. – 2022. - № 4/1 (57). – С. 158-168

[16-М]. Каримов, Б.Ҳ. Ҷанбаҳои амалии рушди аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Б.А. Нуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2022. - № 11. – С. 136-143

[17-М]. Каримов, Б.Х. Иной взгляд на историю бухгалтерского учета [Текст] / Б.Х. Каримов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. 2024. - № 1 (51). – С. 118-125

[18-М]. Каримов, Б.Ҳ. Равишҳои методологии бунёдшавии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 2(41). - С. 15-21

[19-М]. Каримов, Б.Ҳ. Робитаи намудҳои баҳисобгирӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 4(43). - С. 84-92

[20-М]. Каримов, Б.Х. Формирование системы бухгалтерского учета и организация бухгалтерской работы в экономических субъектах [Текст] / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2024. - № 3 (53). – С. 150-156

[21-М]. Каримов, Б.Ҳ. Таҳлили ташхисии вазъи корбурди СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. - № 4-2. – С. 85-96

[22-М]. Каримов, Б.Х. Тенденции мирового развития финансового учета на основе МСФО [Текст] / Б.Х. Каримов // Идоракунии давлатӣ. – 2025. - № 1 (73). – С. 150-158

[23-М]. Каримов, Б.Х. Механизм разработки и внедрения учетной политики экономических субъектов в условиях МСФО [Текст] / Б.Х. Каримов // Фуруги илм. – 2025. - № 1 (05) – С. 257-264

В. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо

[24-М]. Каримов, Б.Х. Особенности учета уставного капитала в обществах с ограниченной ответственностью [Текст] / Б.Х. Каримов, Т.А. Ибрагимов, Н.Н. Баротов // Проблемы бухгалтерского учета, анализа и аудита на коммерческих предприятиях. Материалы республиканской научно-практической конференции (Душанбе, 30 марта 2019 года). – Душанбе: ИПС, 2019. – 174 с., с. 15-21

[25-М]. Каримов, Б.Ҳ. Баҳисобгирии пардохти рухсатиҳои кормандон [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Б.Ҳ. Одинаев, И.Х. Шарипов // Равандҳои муосири муносибатҳои пулию қарзӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёт. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (Душанбе, 15 феврали соли 2020). – Душанбе: ДССХ, 2020. – 312 с., с. 149-152

[26-М]. Каримов, Б.Ҳ. Баҳисобгирӣ дар олами Ислом [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (Душанбе, 28 марти соли 2020). – Душанбе: ДССХ, 2020. – 260 с., с. 11-17

[27-М]. Каримов, Б.Ҳ. Омодагии касбии аудиторҳо чун омили баландбардории самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои аудиторӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Рушди фанҳои дақиқ – омили муҳими таъмини саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конфронси донишкадавии илмӣ-назариявии устодону донишҷӯён (Душанбе, 23-24 апрели соли 2020). – Душанбе: ДССХ, 2020. – 356 с., с. 346-352

[28-М]. Каримов, Б.Ҳ. Баҳодиҳии самаранокии иқтисодии хизматрасониҳои аудиторӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Такмили муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дар рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 7 декабри соли 2020). – Душанбе: ДССХ, 2020. – 300 с., с. 167-171

[29-М]. Каримов, Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Э.Қ. Миршарипов // Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 27 марти соли 2021). – Душанбе: ДССХ, 2021. – 324 с., с. 26-29

[30-М]. Каримов, Б.Ҳ. Тартиби баҳисобгирии маблағҳои таҳтиҳисоботӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Масъалаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (н. Рашт, 29 майи соли 2021). – Рашт: ДОТ дар н. Рашт, 2021. – 196 с., с. 3-8

[31-М]. Каримов, Б.Ҳ. Мукаммалгардонии раванди татбиқи аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ ва аудиторӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Б.А. Нуров // Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 276 с., с. 13-17

[32-М]. Каримов, Б.Ҳ. Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар муҳити инноватсионии истеҳсолоти бофандагӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Л.Ю. Алиева // Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 276 с., с. 27-33

[33-М]. Каримов, Б.Ҳ. Тартиби гузаронидани аудити дохилии воситаҳои асосӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён // Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 26 марти соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 276 с., с. 63-72

[34-М]. Каримов, Б.Ҳ. Рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Самтҳои асосии таъмини саноатикунонии босуръати иқтисодиёт дар пасманзари ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи донишгоҳии илмӣ-назариявии устодону донишҷӯён (Душанбе, 29-30 апрели соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 679 с., с. 102-107

[35-М]. Каримов, Б.Ҳ. Масъалаи арзёбии хавф дар аудити дохилӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Такмили муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ ҳамчун заминаи амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат. Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 28 майи соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 300 с., с. 55-61

[36-М]. Каримов, Б.Ҳ. Танзимкунии аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Э.Қ. Миршарипов // Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (н. Рашт, 28 майи соли 2022). – Рашт: ДОТ дар н. Рашт, 2022. – 208 с., с. 3-7

[37-М]. Каримов, Б.Ҳ. Методикаи аудити дохилии баҳисобгирии андозҳо [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ. Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80 солагии арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. (Душанбе, 21-23 майи соли 2022). – Душанбе: матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – 890 с., с. 496-501

[38-М]. Каримов, Б.Ҳ. Вазъи корбурди технологияҳои компютерӣ ва ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводи

конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ (Душанбе, 25 ноябри соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 602 с., с. 174-178

[39-М]. Каримов, Б.Ҳ. Шароити ташаккули аутсорсинги хизматрасониҳои муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Б.А. Нуров // Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ (Душанбе, 25 ноябри соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 602 с., с. 511-516

[40-М]. Каримов, Б.Ҳ. Низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, У.С. Асрорзода // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – 275 с., с. 3-6

[41-М]. Каримов, Б.Ҳ. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити аутсорсинг [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Ф.Ш. Саломов, Б.А. Нуров // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – 275 с., с. 77-80

[42-М]. Каримов, Б.Х. Влияние процессов глобализации и цифровизации на национальную систему бухгалтерского учета [Текст] / Б.Х. Каримов // Экономика, бизнес, инновации: сборник статей XXII Международной научно-практической конференции (г. Пенза, 15 апреля 2023 года). – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение» (ИП Гуляев Г.Ю.). – 2023. – 200 с., с. 51-54

[43-М]. Каримов, Б.Ҳ. Назаре ба таърихи баҳисобгирии муҳосибии исломӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба эълон гардидани «Солҳои рушди саноат 2022-2026» (ш. Кӯлоб, 21 октябри соли 2023). – Кӯлоб: СИ «Қурбонов Сорбон», 2023 – 324 с., с. 101-107

[44-М]. Каримов, Б.Х. Практические аспекты формирования внутреннего контроля в субъектах предпринимательства Республики Таджикистан [Текст] / Б.Х. Каримов // Экономика предприятий, регионов, стран: актуальные вопросы и современные аспекты: сборник статей XII Международной научно-практической конференции (г. Пенза, 5 декабря 2023 года). – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение» (ИП Гуляев Г.Ю.). – 2023. –116 с. – С. 39-43

[45-М]. Каримов, Б.Ҳ. Асосҳои танзимкунии аудити дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Э.Қ. Миршарипов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2023. - № 4 (16). – С. 200-206

[46-М]. Каримов, Б.Х. Взгляд на историю исламского бухгалтерского учета [Текст] / Б.Х. Каримов // Экономика, финансы и управление: актуальные вопросы теории и практики. Сборник статей V Международной научно-практической конференции (Пенза, 15 декабря 2023 года). - Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение» (ИП Гуляев Г.Ю.). – 2023. – 144 с. – С. 77-81

[47-М]. Каримов, Б.Х. Исследование национальных систем бухгалтерского учета [Текст] / Б.Х. Каримов // Экономика в теории и на практике: актуальные вопросы и современные аспекты. Сборник статей XIX Международной научно-практической конференции (г. Пенза, 25 августа 2024 года). - Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение» (ИП Гуляев Г.Ю.). – 2024. - С. 35-38

[48-М]. Каримов, Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибии даромад дар шароити стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 9 ноябри соли 2024). – Душанбе: ДБССТ, 2024. – 387 с., с. 25-30

[49-М]. Каримов, Б.Ҳ. Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташкили кори муҳосибот дар субъектҳои иқтисодӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, М.Б. Каримиён // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 9 ноябри соли 2024). – Душанбе: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2024. – С. 127-134

[50-М]. Каримов, Б.Х. Возможности использования международных стандартов финансовой отчетности в Республике Таджикистан [Текст] / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён // Интернаука: научный журнал. - 2024. - № 46 (363). – Часть 4. – С. 53-56

[51-М]. Каримов, Б.Х. Развитие внутреннего контроля для обеспечения достоверности финансовой отчетности и снижения рисков ее искажения [Текст] / Б.Х. Каримов // Актуальные вопросы современной науки. Сборник статей XX Международной научно-практической конференции (г. Пенза, 10 марта 2025 года). - Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение» (ИП Гуляев Г.Ю.). – 2025. - С. 100-105

Баъди шунидан, музокира ва муҳокимаи диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, шунидани хулосаи мушовири илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х., баромади муқарризони холис - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низомов С.Ф., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷумъаев Б.М. ва хондани хулосаи доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қодирова Г.Т., маҷлиси васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи Каримов Баҳодур Ҳасанович,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба бандҳои 32, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад.

2. Корҳои нашршуда муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович дар мавзуи «Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ» аз руйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 28 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 27 нафар, аз онҳо д.и.и., профессорон 9 нафар, аз ҷумла бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 2 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

- «тарафдор» – 27 нафар
- «зид» – нест
- «бетараф» – нест

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 29 марти соли 2025, протоколи № 8/2, қабул гардидааст.

Раисикунанда:
н.и.и., мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ,
н.и.и., дотсент **Бобоев А.М.**

Котиби ҷаласа:
доктори PhD, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ **Ғуломов З.Т.**

Имзоҳои Бобоев А.М. ва Ғуломов З.Т.– ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **Ҷураев Ш.Н.**